## СТИЛИСТИКА НАПИСАНИЯ И КОДИКОЛОГИЯ АНТОЛОГИИ ДАВЛАТШАХА САМАРКАНДИ

*Статья посвящена вопросам структурного построения, содержания и исследования рукописей «Тазкират-уш-шуара» Давлатшаха Самарканди. В статье исследован вопрос истории жанра антологий и места антологии Давлатшаха Самарканди в его развитии. Автор изучил вопросы структурной композиции, стилистических особенностей, научно-художественной ценности произведения. Также в статье исследованы рукописи антологии, где автор статьи уделил особое внимание последующим переводам и публикациям произведения.*

***Ключевые слова:*** *тезкире, Давлатшах Самарканди, стилистика, кодикология, жанр антологии, переводы и издания.*

## THE STYLE OF WRITING AND CODICOLOGY OF DAVLATSHAH SAMARKANDI`S ANTHOLOGY

*The article dwells on the issues concerned with the structural construction, content and research of manuscripts entitled "Tazkirat-ush-shuara" by Davlatshah Samarkandi. In his article the author explores the history of anthology genre and the place of Davlatshah Samarkandi`s anthology in its development. The author studied the issues related to structural composition, stylistic features, scientific and artistic value of the literary production. As well as, the author of the article canvasses the manuscripts of anthology, where particular attention is paid to subsequent translations and publications of the relevant literary production.*

***Key words:*** *namesake, Davlatshah Samarkandi, stylistics, codicology, anthology genre, translations and publications*

**Сведения об авторе:**

***Насриддинов Фахриддин Абдуманонович****, доктор филологических наук, профессор кафедры языка и литературы Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Тел: (91) 729 15 03. E-mail: fahr79@mail.ru*

***About the author:***

***Nasriddinov Fakhriddin Abdumanonovich****, Dr. of Philology, Professor of the department of language and literature under Khujand State University named after acad. B.Gafurov. E-mail: fahr79@mail.ru; Tel: (91) 729 15 03.*

## АҲМАДИ ДОНИШ ВА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ЗАХИРАҲОИ ОБ

***Муллоев А.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Зиндагию фаъолияти илмию эҷодии аллома Аҳмади Дониш дар яке аз даврaҳои ҳасос ва тақдирсози халқҳои Осиёи Марказӣсипарӣ гаштааст. Замони зиндагии Аҳмади Дониш симоҳои намоёни адабу фарҳангии мардумони Осиёи Марказӣ чун Абдулқодирхоҷа Савдо (1823-1973), Шамсиддин Шоҳоин (1866-1895), Абай Кунанбой (1845-1904), Токтогул Сотилған (1864-1933), Ҷунайдулло Ҳозиқ (1800-1843), Зокирҷон Фурқат (1858-1908), Чокан Валихон (1835-1865), Аваз Утар (1884-1919), Муҳаммад Аминхоҷа Муқимӣ (1856-1903), Ҷамбул Ҷабай (1846-1945), Тошхоҷа Асирӣ (1864-1916), Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (1889-1929), Садриддин Айнӣ (1878-1954) ва дигарон зиндагию фаъолият намуда, бо осори бадеӣ дар таърихи афкори иҷтимоию фарҳангии садаи XIX ва огози садаи XX – и Осиёи Марказӣ нақши муассир гузоштаанд.

Аҳмади Дониш аз симоҳои намоёнтарини илму фарҳанги қарни XIX дар аморати Бухоро маҳсуб меёфт. Мавзӯи меҳварии афкори Аҳмади Дониш ислоҳоти иҷтимоии ҷомеа буд ва таҳқиқи фаннии он пас аз солҳои панҷоҳум ба миён омада, андешаҳои иҷтимоию сиёсӣ, тафриқаандозии динию мазҳабӣ, ки дар осори гаронмояи Аҳмади Дониш баён шудаанд, то ин давр дар шакли муқоисавию татбиқӣ ва таҳлилии бунёдӣ омӯхта нашуда буд. Аввалин муҳаққиқе, ки муҳити таърихию илмӣ, адабӣ ва фарҳангии замони Аҳмади Донишро дақиқ дарк намуд, устод Садриддин Айнӣ буда, ба мероси гаронмояи аллома Аҳмади Дониш аз наздик шинос шуд ва ба омӯзиши шахсияту осори ин нобиға, "доҳии модарзод" ва "ситораи фурӯзон дар осмони тираи Бухоро" бо ихлос ва иродатмандӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Аҳмади Дониш аз худ осори гаронқадр, аз қабили «Наводир- ул- вақоеъ», «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун», «Номус-ул-аъзам» («Меъёр-ут-тадайюн»), «Рисола фи аъмол- ил-курра», «Зич», «Рисолаи хат ва хаттотӣ», «Манозир –ул-кавокиб», «Таъодули хамсаи мутаҳҳайира», «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» ва ғайра ба мерос гузошт, ки дар таърихи афкори иҷтимоию сиёсӣ, илмӣ ва адбию эстетикии мо ҷойгоҳи хоса

доранд.

Муҳиммияти мероси гаронмояи аллома Аҳмади Донишро Садриддин Айнӣ чун аввалин пешоҳанги омӯзиши шахсияту осори нобиға дар асарҳои таърихию адабии «Намунаи адабиёти тоҷик», «Таърихи амирони манғити Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва махсусан дар «Ёддоштҳо» жарфназарона ба миён гузошт.

Масъалаи мураккабе, ки диққати аҳли илму адабро дар ин солҳо ба худ ҷалб намуд, ин омӯхтани осори адабӣ, шахсият, ақидаву ҷаҳонбинӣ ва дар хамин асос шинохти шахсият ва офаридани симои Аҳмади Дониш буд. Ба ин мақсад, бо раҳнамоии устод Айнӣ, нахустин очерки илмию адабии Сотим Улуғзода «Аҳмади Дониш» ба вуҷуд омад.

То ин замон осори аллома Аҳмад Махдуми Дониш ба аҳли ҷомеа дастрас ва шинос набуд ва дар шакли баргузида таҳия ва нашр нашуда буд. Ташаккул ва таҳаввули адабиёти тоҷикии нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои ХХ бештар ба фаъолият, нерӯи эҷодӣ ва рисолати адабию эҷодии Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ вобастагӣ дошта, ба таври комилу саҳеҳ мавриди таҳқиқ ва баррасии дақиқ қарор нагирифта буд ва шинохти шахсияту осори мутафаккир ва маорифпарвари бузурги тоҷик Аҳмади Дониш нигарони таҳлили илмиву бадеӣ буд. Баъдтар бо кӯшиши пажӯҳишгарони тоҷик нашри илмӣ-интиқодии осори аллома «Рисола ё мухтасаре аз таърихи хонадони манғития», «Наводил-ул-вақоеъ», ва «Номус-ул-аъзам» («Меъёр –ут-тадайюн») манзури ҷомеа шуданд. Ин осори ӯ асосан дар заминаи нусхаҳои қаламии аз рӯи нусхаҳои котобон рӯнавису таҳия шуда анҷом ёфта, матни илмии интиқодии онҳо дар заминаи дастхати худи Аҳмад Махдуми Дониш ҳанӯз рӯи кор наомада буд. Минбаъд дар омӯзиши афкори таърихию фалсафӣ, иҷтимоӣ ва бадеии Аҳмади Дониш адибон ва муҳаққиқони тоҷик С.Улуғзода, А.Мирзоев Х.Мирзозода, А.Баҳоваддинов, З.Раҷабов, Р. Ҳодизода, Ғ.Ашӯров М.Диноршоев ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Махсусан, бо кӯшишу заҳматҳои А. Мирзоев муҳаққиқон ва толибилмон ба афкори маорифпарвариву ислоҳотхоҳии интиқодии осори Аҳмад Махдуми Дониш, махсусан таҳлили ҷиддии ҳашт нусхаи боқимондаи матни "Наводир-ул-вақоеъ": се нусха дар китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон, ду нусха дар китбхонаи миллии Тоҷикистон, нусхаҳои китобхонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон, ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва нусхаи қадимтарин ва дастхати худи Аҳмади Дониш, ки дар собиқ Институти шарқшиносии АИ СССР нигоҳдорӣ мешавад, шинос шуданд. Ба А.Мирзоев муяссар шудааст, ки куҳнатарин дастхати “Наводир-ул-вақоеъ” бо таҳрири худи Аҳмади Дониш мӯшикофона таъйин намуда, аз ин бозёфт аҳли илмро ба ҳайрат гузорад. Муътамадии ин фарзияро бо ҷузъиёту далелҳои дақиқ, аз ҷумла муқоисаву монандии нусхаҳои мусаввада ва дастхатҳои қаблии мусаннифи асар, тарз ва нигориши варақаҳои асар, якрангии хат ва қалами навишт, таърихи навишти бобҳо ва варақаҳо, ҷудо сохтани бобҳои рисолаи сиёсӣ аз дохили асар ва монанди инҳо зимни биниши дақиқи матншиносӣ муайян намудааст ва минбаъд ба омодасозии матни интақодии “Наводир-ул-вақоеъ” вазифа гузоштааст. Ҳамчунин ба андешаи А. Мирзоев ҳадафи дар дохили матни “Наводир-ул-вақоеъ” ҷойгир намудани афкори сиёсӣ ва ислоҳотталабӣ, бинобар сабаби бо эътирозу муқобилияти сахт ва ҷазову ҷабр гирифтор нагаштани мусанниф, ҳақиқати масъала ва ғояи танқиди идораи аморат ва бенизомии он пӯшида нигоҳ доштан мазмуни асар дар дохили “Наводир-ул-вақоеъ” ҷойгир намудан ба миён омадааст [6, с.43-61].

Хидмати А. Мирзоев на танҳо дар бозёфти нусхаи арзишманд ва таҳлили “Наводир-ул-вақоеъ” калон мебошад. Вай ҳанӯз соли 1960 бори аввал матни илмиву интиқодии “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития”-ро нашр намудааст. Вай дар мақолаҳои “Аҳмад Махдуми Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна (1962) ва “Щарҳи ҳоли Дониш бо қалами худаш” (1976) “ дар ҳалли мушкилоти таъмини об дар Вароруд, махсусан ҳалли мушкилоти таъмини об дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва атрофи онро ба миён гузощтааст.

Дар рисола ва мақолоти мазкур аллома Аҳмад Махдуми Дониш ба масъалаи муҳим ва тақдирсози ҳаёти башар об ва захираҳои обӣ ва истифодаи самараноки он ба нафъи ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар ин замина масъалаи обёрии заминҳои ҳосилхези Моваруннаҳр – Осиёи Миёна дар мисоли самаранок ва оқилона истифода бурдани оби дарёҳои қадимаи Ому (Ҷайҳун), Сир (Сайҳун) ва Зарафшон (Бутамон) ба нафъи мардуми шаҳрҳои Самарқанд ва Бухоро аз назари мутафаккири бузург дур намондааст. Роҷеъ ба ин масъала, матолиб ва мавзӯъи муҳим дар мақолаи донишманди шарқшинос Е.Э. Бертелс “Дастхати асарҳои Аҳмади Калла” ( 1936) дахл намуда, А. Мирзоев дар мақолаи “Аҳмад Махдуми Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна” (1962) изҳори ақида намудаанд [4, с.137-141].

Дар воқеъ, Аҳмади Дониш хуб медонист, ки об аз замонҳои қадим ҳамчун бузургтарин неъмати офариниши ҳаёт дар тавлиди ҳаёту зиндагии башар, набототу ҷонзоди табиат,

тасаввури мардум, асотири халқияту ақвоми олам, адёни ҷаҳонӣ ва афкори маънавии инсоният ба сифати як муҷиза муқаддасу пок парастида мешуд. Оби муқаддас, ҳаётбахш ва поксоз ба зиндагии маънавию фарҳангии инсоният ва тавлиду рушди тамаддун иртиботи ногусастанӣ дошта, дар нумӯъ ва солимии ҳаёти инсон ва аҷсоми табиат мақоми бузург ва шоистаро соҳиб шудааст. Таҳқиқи таърихи ҳаёти инсоният собит сохтаст, ки гаҳвораҳои тамаддун, амсоли Бухоро ва Самарқанд дар маҳалли ҷойгиршавии об, соҳили дарёҳои серобу водиҳои ҳосилхез, аз ҷумла Ому (Ҷайҳун), Сир (Сайҳун) ва монанди инҳо пайдо шудааст. Дар ин робита иқлим ва муҳит ба сарнавишт ва ҳаёти инсоният бетаъсир набуда, нақши амиқ гузоштааст. Сарзамине барои ҳаёт интихоб мешуд, ки иқлиму ҳавои мусоид, заминҳои ҳосилхез ва обу ғизои фаровон дошта бошад. Кишвару шаҳрҳои обод ва ибодатгоҳҳо дар маконе бунёд меёфтанд ва устувор мегаштанд, ки чунин имконият доштанд. Табиат, қувва ва доираҳои он ба зиндагии инсон ва бақову ҳифзи ҳаёт таъсири комил мегзошт. Ободиву осоиши олам аз мавҷудиятҳои захираҳои табиӣ муяссар мегардид.

Мутафаккири бузург Аҳмади Дониш эҳтиёҷот ва ба нафъи мардуми воҳахои Мовароуннаҳр истифода бурдани оби дарёҳои Сир, Ому ва Зарафшонро ҳамчун мутафаккир ва донишманди гуногунсоҳа дарк намуда, талош ва мубориза бурдааст. Ба ин мақсад сабабҳои камобӣ ва роҳҳои аз манбаъҳои обӣ обёрӣ намудани киштзорҳои зироатии Самарқанд, Бухоро ва атрофии онро дар замони амир Музаффар ва писараш Абдулаҳад ба миён гузошта, дар сафарҳои ба Россия (Петербург) кардааш ҳалли ин мушкилотро дар назди намояндагони ҳукумати онвақтаи императори Руссия, генерал- губернатори Тошканд Кауфман ва ҳокими Самарқанд Абрамов гузоштааст.

Баъд аз забту истило ва ба итоати Россия даромадани вилояти Самарқанд ободонӣ ва обёрии киштзорҳои тавобеи он вусъат ёфта, Зарафшон ба Бухоро оби кофӣ намедод, дар фасли тобистон коштзорҳои ҳосилхез ва маҳалҳои ободи туманҳои Бухоро аз об танқисӣ мекашиданд. Дар ин хусус Аҳмади Дониш чунин менависад: «Ва аз чиҳати он ки Самарқанд ба ҳукми Русия даромад, оби дарёи Зарафшон бештари ба сарфи ҳавошии ноободи он ҷо номзад шуда, оби Бухоро рӯй ба камӣ оварда буд. Ман ба элчӣ гуфтам, ки ҳар вақт ки ба Кофман (Кауфман-А.М.) дучор шавӣ, оби Бухоро биталаб, ки Самарқанд фи нафеиҳи чашмаю корез дорад, дар Бухоро се моҳи тобистон чоҳҳо низ об намедиҳанд, машки об ба ним дирам таҳсил намешавад. Оби дарёи Самарқандро ба ҳама вақт муқассам дорад, се рӯз дар он ҷо ва се рӯз дар Бухоро, ё ҳафта, ё понздаҳ рӯз дар Самарқанд, понздаҳ рӯзи дигар ва ё ҳафта дар Бухоро бемонеъ биравад» [1, с.82-83].

Аҳмади Дониш дар Петербург ҳар ҷо ки ба Кауфман дучор мешавад, сухан аз таъмину тақсими оқилонаи оби Бухоро, истифодаи оби Ому меовард ва билохира ҳангоми видоъи ҳайати сафорат аз Петербург Кауфман ӯро миннатдор карда мегӯяд: « Дилхуш бошед, ки баъд аз Самарқандро мунқасим гардонам. Ба Абрамуф (Абрамов- А.М. ) ҳокими Самарқанд, фармудам, ки ба Шумо мулоқот кунад, оби Самарқандро чунончи шумо гӯеду хоҳед, тақсим кунад»[1, с.83].

Пешниҳоду таклифоти Аҳмади Дониш аз ҷониби амир Музаффар мавриди омӯзиш қарор гирифта, бинобар баҳонаи «подшоҳони гузаштаи Бухоро - ку об аз Ому нагирифтаанд, ё даҳанаи онро набастаанд. Сабаб он аст, ки мабодо бо саъйи душмане, ё ғалабаи обхезии дарёи Бухоро бо об хароб нагардад, аз Омуя об талабидан хилофи маслиҳат аст», [9, с.133] ҷавоб менависад.

Аҳмади Дониш ин сабабҳоро бо далелҳои қотеъ рад намуда, дар ҷавоб менависад: «Агар даҳанаи наҳри мо аз муҳозии Каркӣ бошад, фаразан, агар об ғалаба кунад, аз ғарбии Қаршӣ ва ҷанубии Қаровулхона ва Омоҷурғотӣ (наздикии Когон) ин об гузашта, ҳам аз даруни дашту рег ва муҳозии Нарзам ва Чаҳорчӯй боз ба дарё меразад, ки ҳеҷ ҷойи зарар надорад” [4, с.133].

А. Мирзоев ҳангоми таҳлили ин асар барбод рафтани кӯшишҳои зиёди Аҳмади Донишро чиҳати обёрии саҳрои Қаршӣ ва туманҳои Бухоро ва истифода бурдани оби Ому ба киштзорҳои ҳосилхези он изҳори андеша намудааст.

Пеш аз сафари амир Абдулаҳад ба Петербург (мутаассифона, дар ин сафар Аҳмади Донишро ба ҳайати аморат ҳамроҳ намекунанд), панҷ банд мусаввадаи таклифномаи ба император тақдим мекардагии амирро навишта., ба дарбори амир ирсол менамояд. Дар мултамас (илтимоснома, А. М.)- и аввал чунин омадааст: “вақте ки Самарқанд ба давлати бахияи Рус мулҳақ шуд, оби Бухоро ба нуқсон ниҳод, аз он ки мутасаддиёну ҳокимони он ҷо оби Самарқандро ба иморату зироат фармудаанд, ду сулси оби дарё дар ин ҷо ба масраф меравад ва як сулси боқӣ ҳам вақте ба Бухоро меояд, иртифоъоти баҳорию тобистонаи мо талаф шуда бошад. Аз ин чиҳат, як марди донишманд дар амри об бифиристонанд, ки аз Омуя ё баҳри Сир ба мо об ҷорӣ кунад, ки заминҳои мазраъаи мо хароб нагардад” [1, с.89].

Аз мулоқоти Аҳмади Дониш бо яке аз котибон, ки дар ин сафар таъйин шуда буд, равшан

мегардад, ки амир аз тарси он ки мабодо император аз вай биранҷад, ҳеҷ аз панҷ банди мусаввадаи илтимоснома (дархост)-и пешниҳод кардаи Аҳмади Донишро дар Питербург изҳор накардааст. Бинобар ин, А. Мирзоев қайд менамояд, ки "Ҳар он кӯшиш ва ҳаракате, ки Аҳмад Махдуми Дониш барои обёрии мамлакат дар замони ҳукмронии амир Музаффар ва амир Абдулаҳад карда буд, бинобар белаёқатӣ ва ҳамоқати ин ду амир ба амал татбиқ нашуд ва масъалаи оби Бухоро ва истифода бурда шудани оби Ому ҳал нашуд " [6, с.77].

Дар охири рисола Аҳмади Дониш зимни мулоқот бо талаби ду тан аз намояндагони ихвону-с-сафо бо истифода аз қоидаҳои илми нуҷум (ситорашиносӣ) толеъи вилояти Бухороро имтиҳон ва пешгӯӣ менамояд:

"Дар оянда касоне, ки зиндаанд, хоҳанд дид, ки чи давлату моле дар хазонаи омира бад-ин гуна зулму зафр ҷамъ гардидааст, тӯшаи куффору ғанимати фуҷҷор гардида, саркардагон охир сари худҳоро ба дор хоҳанд супорид ва амирону валоён ҳамчунон бенасиб ба хусрони абадӣ гирифтор хоҳанд шуд..... Назар ба қирони кавокиб давоми салтанат низ дар Моваруннаҳр ба дасти ин тоифа пойдор намонад ва мукотилаи азиме ва тағйироти аҷибе зуҳур кунад, чи тақобули Миррих бо Зуҳал ва тақоруби Муштарӣ бо Уторид далел аст бар заъфи милали ислом ва дини ҳақ ва ривоҷи умури ботила ва шӯйуъи куфру кофирӣ дар акнофи олам, хоса дар билоди Моваруннаҳр.... Назар ба икроноти кавокиб, бояд, ки дар як қарн, ки иборат аз сию шаш сол аст, дар арсаи зуҳур бирасад ва машҳуди дидаи ҷаҳониён гардад [1, с.96-97].

Ниҳоят, Аҳмади Дониш ба идораи аморати Бухоро ва бенизомии он, вуҷуди амирони ҷоҳил ва олимону сипоҳиёни гумроҳи ғофил нафрат пайдо намуда, фарёд мезанад ва чунин менависад: "Ҳайф, афсӯс, ки дар ин аср гӯши шунаванда ва диди нагиранда нест. Ҷуз ин ки ҳар чи маълуми хеш гардад ба саҳифа нақш кардану худ хондан ва аз худ гиристан дигар илоҷе надорад" [1, с.97].

Шинохт, шарҳ ва тавсифи об дар афкори файласуфон, донишмандону шоирон ва фарҳанги шифоҳии мардум низ ба хубӣ дарҷ ёфтааст. Пайдо кардани чаҳор аносири табиат (обу хоку отшу об), хосият ва сабабу омилҳои падид омадани онҳо дар осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Абӯалӣ Ибни Сино «Донишнома», «Ал-қонун», «Қурозаи табииёт», «Осмон ва ҷаҳон», «Қавн ва фасод», китобҳои Носири Хусрав «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Рӯшнонома», Аҳмад Махдуми Дониш «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати амирони манғития» ва эҷодиёти кулли шоирону адибони олам таҳлил ва шарҳ ёфтааст.

Дар баробари ин, ин мавзӯъ дар замони муосир мубрам ва аҳамиятнок аст ва таҳаввулоти марҳилаҳои сарнавиштсози таърихии халқҳо дар замони муосир гувоҳ бар ин аст, ки масъалаи таъмини об барои мардум ва ҳифзи экологии сайёра аз талаботи муассири ҳаёту зиндагии башар маҳсуб меёбад.

Дар саҳфаи сарнавиштсози таърихии миллат, махсусан дар ин айёми фархундаву фирӯзи соҳибистиқлолии кишвар бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои мубрам ва муҳимми вобаста ба об, ҳифзу захираи он дар сатҳи бузургтарин минбари байналмиллалӣ бардошта шуд. Дар натиҷаи идомаи босамари ин сиёсат ва амалӣ намудани тадбирҳои судбахш дар чаҳорчӯбаи нақшаҳои ҷаҳонии «Соли байналмилалии оби тоза» минбаъд бо пешниҳоди Тоҷикистон солҳои 2005-2015-ро Созмони Милали Муттаҳид Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» эълон намуд. Имрӯз дар доираи барномаю нақшаҳои даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» дар тамоми гӯшаю каноридунё тадбирҳои судбах татбиқ мегарданд, ки боиси ифтихори ҳар як шахрванди ватандӯсти Тоҷикистон аст. Дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид қабул шудани ин пешниҳод бори дигар собит месозад, ки Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори гуфтугӯйи созанда ва истифодаи пурсамари об ба манфиати инсон, аҳли башар аст ва танҳо аз нияту ормонҳои неку инсондӯстонава ҳусни ҳамсоягӣ пайгирӣ мекунад.

Об ва захираҳои обӣ дар кишвари азизамон аз масоили мубрам ва аҳмиятнок маҳсуб меёбад. Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ бо дарназардошти маҳдуд будани дигар намуди захираҳои табиӣ, аз ҷумла газ ва нафт, захираҳои об аз захираҳои стратегии кишвар ба ҳисоб рафта, истифодаи ҳадафманд ва босамари онҳо барои рушди кишвар аз вазифаҳои асосии пешбурд ва татбиқи сиёсати давлатӣ дониста мешавад. Масъалаи истифодаи захираҳои об аз самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, вобаста ба ин кишвари мо бо манзури якчанд давлати рӯ ба тараққи ниҳодаи олам муаррифӣ мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ва ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития.- Душанбе, "Сарват", 1992, 98 с.
2. Бертельс Е.Э. Рукописи произведения Ахмеда Калла. (Труды таджикской базы АН СССР, т.3, - М.-Л., 1936, С. 9-29

3. Мирзоев А. Таҳрири аввалини “Наводир-ул-вақоеъ” ва таълифи он. Ахбори АФ Тоҷикистон, нашри ХУ11, 1953,С. 151-161
4. Мирзоев А. Аҳмад Маҳдуми Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна.- Шарқи Сурх, № 5, 1962, С. 137-141.
5. Мирзоев А. “Шарҳи ҳоли Дониш бо қалами худаш”.- Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев, Душанбе: Дониш, 2008, С. 9-38.
6. Мирзоев А. М. Аҳмади Дониш. Маҷмӯаи мақолаҳо.- Мураттибон: М. Муллоаҳмад, М. Мирзоев, Дониш, Душанбе, 2017, 140 с.

## AHMAD DONISH AND THE RESOLUTION OF MOVAROUNNAHR WATER PROBLEM

*This article explores Movarounnahr water problem and world outlook of the outstanding teacher Ahmad Donish on resolution of water problem. Based on the analysis and comparing ideal and thematic peculiarities of his creative works, social problems of Khanate of Bukhara are revealed. As well as, the author points out to the importance of water issue in modern world.*

***Key words:*** *Ahmadi Donish, Movarounnahr, Khanate of Bukhara, water, water problem, water resources, water issues.*

## АХМАД ДОНИШ И РЕШЕНИЯ ВОДНАЯ ПРОБЛЕМЫ МОВАРОУННАХР

*В данной статье рассматривается водного вопроса Мовароуннахра и мировазрения великого просвитителя Ахмада Дониша о решении данной проблемы. На основе анализа и сопаставления идейно тематическое особенностёй его произведениия выявляется социальные вопросы Бухарского эмирата. А также, автор подчеркивает неизбежность реального значения водного вопроса в современной мировой прстранстве.*

***Ключевые слова:*** *Ахмади Дониш, Мовароуннахр, Бухарское ханство, вода, водные проблемы, водные ресурсы, водные проблемы.*

***Сведения об автор:***

***Муллоев Абдусамад*** *– доктор филологисеский наук, профессор кафедра теории и истории литературы Таджикского государственного педагагического университет имени С.Айнӣ Тел: (+992) 917585877*

***About the autor:***

***Mulloev Abdusamad*** *– doctor of philological sciences, professor in the Chair of Theory and History of Literature of Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni, Tel.: (+992) 917585877*

## АДАБИЁТИ МИЛЛӢ ВА МАСЪАЛАИ ШИНОХТИ ОН

***Салимӣ Н.Ю.***
*Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*
***Солеҳов Ш.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Устод Худоӣ Шариф аз ҷумлаи зиёиёни ангуштшумори тоҷик аст, ки умри бобаракати хешро ба пуррагӣ сарфи ду пешаи пурифтихор омӯзгорӣ ва муҳаққиқии адабиёти тоҷикӣ намуданд. Имрӯз агар аз ин қуллаи мубораки умр, ки эшон мерасанд ба масири дар ин ду самти ҳаёти маънавии халқ сарф намудаашон назар андозем ба хубӣ равшан мегардад, ки устод дар маҷмӯъ умрро бардареғ вақфи хизмат ба халқу миллати хеш намудаанд. Хизмати ҳалол ва фидокоронаю дилсӯзона ба хотири пешбурди илму адаб ва мактабу маорифи он. Имрӯз агар ин қуллаи мубораки умр ба масири дар ҷодаи илму адаб тайкардаи муаллим назар андозем ба равшанӣ эҳсос мегардад, ки устод дар ҳамаи самтҳо ва мавзӯъҳои пажӯҳишашон як асли консептуалиро пайгирӣ намуданд, ки он равшан намудани заминҳо ва омилҳои зуҳуру инкишофи адабиёти тоҷикӣ ҳамчун падидаи муҳими ҳаёти маънавии халқ мебошад. Эшон дар ҳар як паҳлӯ ё омили тозаи ин масъалаи бунёдии илми адабиётшиносиро равшан месозанд, ки он воқеан барои шогирдону ҳампешагон ва умуман алоқамандону аҳли назар роҳи тозаи андешаронӣ ва пажӯҳишҳои тозаро боз менамояд. Чанд сол қабл устод Х.Шариф як китобе ба нашр расониданд, ки он «Сухан аз адабиёти миллӣ» унвон дошт.[4, с.125] Дар яке аз мақолаҳои китоби мазкур, ки унвони китоб интихоб шудааст, устод ба расми илмӣ даромадани мафҳуми «адабиёти тоҷик»- ро ба китоби устод С.Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» алоқаманд намуда, менависанд, ки масъалаи адабиёти миллӣ баҳсест, ки доманаи он ба таърихи ҳазорсола ва аз ин зиёдтар паҳн мегардад. Иртиботи ин мафҳумро бо ҳаёти таърихӣ ва сарнавишти таърихии